Ба шурои диссертатсиони 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи давлатии
молия ва иктисоди Тоҷикистон
(Суроға;734067 ш;Душанбе,
к.Нахимов 64/14)

**Такризи**

**Мукаррризи расмӣ доктори илмҳои иктисодӣ профессор Султонов Зубайдулло ба диссертатсияи Олимов Умедҷон Махмадшоевич дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфи дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисоди аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва карз пешниход шудааст.**

**Мутобикати диссеретатсия ба самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич, ки дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурномаи рушди низоми бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иктисоди Тоҷикистон пешниҳод шудааст ба бандҳои зерини шиносномаи фехристии ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва карз мувофикат мекунанд: 10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иктисоди бозорӣ; 10.2. Проблемаҳои таъмини заминаи ниҳодии тараккиёти бахши бонкӣ ва робитаи он бо БМТ; 10.5. Устувории системаи бонкии ҶТ ва стратегияи рушди он; 10.7. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳо бо иштироки давлат, бонкҳо бо иштироки хориҷиён инчунин бонкҳои минтакавӣ; 10.18. Проблемаҳои мувофиксозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии ҶТ. 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташаккули онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Муаммоҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ.

**Робитаи тахкикот ба барномаҳои ва мавзуҳои илмӣ**

Мавзуи таҳкикоти диссертатсионии Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҳолати муосир дар дурномаи рушди низоми бонкии Ҷумҳурии

Тоҷикистон" дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (БМР 2021-2025), Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 инчунин барномаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз ҷумла барои солҳои 2021-2025 дар мавзуи "Мушкилоти такмили ҷанбаҳои институтсионалии рушди низоми бонкӣ" №4 аз 31 декабри соли 2020 анҷом дода шудаст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Маълум аст, ки саноаткунонии босуръати кишвар ва гузаштан ба модели иқтисодии саноати –аграрӣ самаранок истифодабарии захираҳои зеҳнӣ, меҳнатӣ, истеҳсолӣ, табиӣ ва махсусан молиявиро талаб менамояд.

Вобаста ба ин яке аз унсурҳои муҳими иқтисодиёти миллӣ таъминкунандаи соҳаҳои иқтисодӣ, минтақаҳо, барномаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ғайра низоми бонки мебошад. Низоми бонкии мамлакат, ки аз Тоҷикистон ва ташкилотҳои карзии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда иборат мебошад бо фаъолияти самараноки хеш муносибатҳои дурусти пулию молӣ, саривақт анҷом додани пардохтҳо маблағгузори саноати сохтмони, кишоварзӣ, савдо, хизматрасониҳои илмӣ ва дигар бахшҳои иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин менамояд. Низоми бонкӣ дар ҳама давру замон хусусан дар шароити муносибатҳои бозори қувваи бузурги пешбарандаи давлат ва ҷомеа буд ва ҳаст ва мемонанд муомилот ва бузурги низоми бонкӣ пеш аз ҳама дар таъмин ва ташаккул додани бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташкили ва рушди ҳисоббаробаркуниҳо хусусан ҳисобаробаркуниҳои ғайринақди ҷалби маблағ ва низоми байни ҷойгир намудани маблағҳои ҷамшуда рақамикунони хизматрасониҳои молиявӣ зоҳир мешавад.

Низоми бонкӣ ҳамчун миёнарави молиявии сармояи аҳолӣ ва субектҳои хоҷагидорӣ, ҷалб намудани захираҳои сармоягузорӣ ташкил кардани онҳоро барои таъмин намудани талабот субъектҳои иқтисодӣ бо пул истифода мебарад. Бо ин амал низоми бонкӣ самаранок истифодабари воситаҳои молиявӣ ва бо пул таъмин намудани иқтисодиёти кишавр, ки ҳамчун организми зинда доимо эҳтиёҷ ба пул дорад амал мегардад. Вобаста ба гуфтаҳои боло таҳқиқи ҳолати муосир ва масъалаҳои рушд ва дурнамои низоми бонкҳо, ки диссертатсияи тақризшаванда

ба он бахшида шудааст яке аз равандҳои афзазиятнок буда мубрамияти таҳқиқоти Олимов Умедҷон Маҳмадшоевичро нишон медиҳад.

**Эътимоднокӣ, дараҷаи асоснокии нуктаҳои илмию хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия омодашуда.**

Дараҷаи илмии диссертатсия, мантиқан пешниҳод намудани маводҳо, қобилияти баланди илмии унвонҷӯро дар таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологӣ, ки равандҳои рушди низоми бонкиро ташкил менамоянд, гувоҳӣ медиҳад. Диссертатсия иҷрошуда дорои базаи исботкунандаи натиҷаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, мазмун ва объекти таҳқиқот мебошад. Натиҷаҳо ва нуктаҳои таҳқиқот бо мазмуни кор мантиқан вобаста буда, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок ва мазмуни диссертатсияро нишон медиҳанд.

**Эътимоднокии дараҷаи навгониҳо ва натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Натиҷаҳои илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич натанҳо дар асоснокқунии ҷанбаҳои назариявии рушди низоми бонкӣ зоҳир мегардад, балки дар асоснокқунии рушди устувор ва бемайлони низоми бонкӣ сиёсати пулию қарзи мамлакат ва танзими бозори молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва методӣ дорад.

Натиҷаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ҳамчун навгониҳои илмӣ баррасӣ шудаанд аз бандҳои зерин иборат мебошанд:

– унвонҷӯй асосҳои умумии эволютсияи назариявии фаъолияти бонкӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар шароити муосир ошкор кардааст.

– аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои ташаккули низоми бонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти миллӣ ва таҷрибаи ташкили рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ ошкор ва омӯхта шудаанд.

– диссертант ҳолати муосири низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шароитҳо ва омилҳое, ки ба рушди бахши низоми бонкӣ дар шароити муосири иқтисоди бозаргонӣ таъсир мерасонанд, муайян кардааст;

– дар асоси таҳқиқот муаллиҷ нақш ва мақоми низоми бонкӣ ҳамчун механизми муҳимтарини ташкили низоми молиявии рушди фаъолияти иқтисодиёти кишвар арзёбӣ карда шудааст;

– аз тарафи муаллиф тавсияҳо оиди такмилдиҳии низоми бонкӣ ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии нозоми бонкӣ дар шароити рушди иқтисодиёти кишвар коркард карда шудааст.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

– Маҷмуи ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар кишвар;

– Хусусиятҳои ташаккули низоми бонкӣ ва таҷрибаи ташкили рушди низомҳои бонкии кишварҳои хориҷӣ;

– Арзёбии ҳолати муосири низоми бонкии кишвар ва омилҳои таъсиррасон ба рушди бахши бонкӣ;

– Нақш ва мақоми низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар;

– Самаранокии фаъолияти бонкӣ ва роҳҳои мукаммалсозии низоми бонкӣ дар шароити муосир;

**Сохтор ва мазмуни қисмҳои асосии таҳқиқоти илмӣ.**

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, 3 боб, 8 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 176 номгуй, дорои 19 ҷадвал, 4 диаграмма ва 2 расм дар ҳаҷми 171 саҳифа омода шудааст.

**Дар муқаддима** мубрамият ва аҳаммияти илмии масъалаҳои барасишаванда асоснок шуда, ҳадафҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, нуктаҳои навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои илмии бадастомада асоснок гардида, маълумот дар бораи тасвиб ва интишороти муаллифи кори дисертатсионӣ оварда шудааст.

**Дар боби якум "Ҷанбаҳои илми ташакулёби ва рушди низоми бонки"** масъалаҳои назариявии ташакулёбии низоми бонкӣ махсусияти рушди низоми дар шароити бозор барраси гардида, инчунин таҷрибаи ташкил ва рушди низоми бонкии кишварҳои хориҷӣ дар амалияи ҷаҳонӣ омӯхта шудааст.

Дар кори диссератсиони дуруст қайд шудааст ки дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ дар кишвар дар сохтори фаъолияти хоҷагидорӣ ва такмили

муносибатҳои чамъияти дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Дар чунин шароит таҳлилу масъалаҳои илмию назариявӣ ва амалии тараккиёти низоми бонкӣ ҳамчун муҳимтарин бахши хоҷагии халқ зарур мебошад. Аз ин ру яке аз муаммоҳои сиёсати иқтисоди муосири кишвар ташаккули низоми самараноки бонкӣ, ҳамчун неруи пешбарандаи рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад (саҳ 12).

Омузиши фаъолияти муҳосиби амали низоми бонкии кишварҳои ҷаҳон имкон медиҳад хулосаҳои умумие ба даст оард ки он барои рушди фаъолгардонии сиёсати молиявӣ ва проблемаҳои актуалии иқтисодӣ муосир муҳим мебошад.

Низоми бонкӣ ҷузъи системаи иқтисоди миллӣ буда дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим дошта дар муносибатҳои иқтисодӣ яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳанда маҳсуб меёбад. Ин ба вазифаҳо ва таъсири он ба дигар соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ муайян карда мешавад. Дар баробари ин ҳар гуна мушкилот ва душвориҳо фаъолияти бахши бонкӣ метавонад ба фаъолияти иштирокчиёни бозор таъсир расонад.

Масалан, ҳамоҳангсозии гардиши пули нақд мувофиқи талаботи иқтисоди миллӣ идоракунии талабот ва пешниҳодҳои пул ки бо иштироки фаъолонаи низоми бонкӣ амал мегардад метавонад номутавозунии байни пешниҳодҳо ва талаботи умумии бавуҷудомадаро безарар созад ва ба муҳити иқтисоди миллӣ таъсири мусбат расонад.

Низоми муосири бонкӣ як соҳаи хизматрасонӣ гуногун ба мизоҷон буда амалиёти анъанавии амонатию қарзӣ ва ҳисоббаробаркуниию кассавиро амал мекунад.

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки бо сабабҳои объективии таърихи низоми бонкӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба дигар кишварҳои пас аз Шуравӣ хеле дертар ташаккул ва инкишоф ёфтааст, ки ин сабаби дертар ба муомилот баровардани пули миллӣ буд. Ҳамчунин гуфта шудааст ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли аксари давлатҳо мутараққи ва рӯ ба инкишофи бонки миллӣ ҳамчун мақомоти иҷрои дар зинаи қарор дорад ки танзими самарабахш ва фаъолияти оқилонаи тамоми бахши низоми бонкиро таъмин менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ки дар роҳи рушди муносибатҳои бозори қарор дорад низоми бонкий

онро метавонад як навъи бозорро ҳисоб карда зеро низоми бонкии кишвар қисматҳои бонкии шакли бозориро дар бар мегирад ва низоми дузинагӣ буда муҳимтарин унсури сохтории бахши бонки мебошад ки махсулоти он пул ва воситаи пардохт ба ҳисоб меравад. Хусусияти хоси бахши бонки моҳияти он хусусияти ҳамкории байни бонкҳо фаъолияти хоси системаро муайян мекунад.

Дар зарбанди 2 боби якум кайд намудааст ки дороиҳои бонк ки дар бозор мавкеи муҳимро ишғол мекунад барои рушди худи низоми бонкӣ хеле фоидаовар мебошад. Аз ин ру дар шароити рушди муносибатҳои молиявӣ бахши бонкӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ҳам барои давлат ва ҳам барои тамоми субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ сердаромад ва фоидаовар буда дар шароити маҳдуд пасандозҳои дохилӣ дар низоми бонкии Тоҷикистон барои афзоиши маҷмуи махсулоти дохили, воридоти асъори хориҷи, коҳиши таваррум, такмили механизми бозори асъор, иҷрои нақшҳои пешбинишуда ва инчунин қобилияти харидори пулии мамлакат ва устувори пули миллӣ шароит фароҳам меорад (саҳ 31) .

Низоми бонкӣ ҳамчун звенаи асосии иқтисоди бозорӣ ба ҳаёти тамоми ҷомеа таъсири бузург ва ҳамаҷониба мерасонад ва ин танҳо механизми аз навтақсимкуни байни соҳавӣ ва байниминтақавӣ сармояи пулиро таъмин менамояд, балки бахши асосии механизми ҳисоббаробаркунӣ ва пардохти дар иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Муаллиф дар зербанди 3 боби якум гуфта аст, ки табдили бозор ва ҷалби сармоя аз кишварҳои пешрафта маҳз бо рушди бахши бонкӣ ҳамчун як бахши муҳими стратеги иқтисоди миллӣ алокаманд буда таҷрибаи ташаккул ва рушди низоми бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад ки бахши бонкӣ на танҳо ба қувваи пешбарандаи ҳаёти иқтисоди кишвари алоҳида ба муҳимтарин унсури рушди иқтисоди ҷаҳонӣ низ табдил ёфтааст. Вобвста ба ин, омузиши таҷрибаи ташаккул ва рушди низоми бонки кишварҳои хориҷи барои илмӣ иқтисодӣ кишвар аҳаммияти калон пайдо мекунад.(саҳ 40).

**Дар боби дуюм "Ҳолати муосири ва таҳлили низоми низоми бонки Ҷумҳурии Тоҷикистон"** рушди низоми бонки кишвар таҳлил гашта, шароит ва

омилҳои муоянкунандаи рушди низоми бонкии кишвар, инчунин дар боби мазкур нақши низоми дар рушди иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст.

Дар зербанди 1 боби дуюм асоснок карда шудааст, ки рушди бахши бонкӣ дар шароити кунонӣ дар як шароти муҳим рушди иктисодӣ табдил ёфтааст. Самараноки он имкон медиҳад, ки захираҳои молиявӣ оқилона истифода бурда шуда, барои ҷалби сармоя ва воридоти техналогияҳои муосир ҳавасманд гардонда аз ин рӯ, ба низоми бонкӣ дар тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи саноати молиявӣ барои таҳқикоти илмӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2020 69 ташкилоти қарзӣ-молиявӣ, аз ҷумла 18 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ,1 8 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 5 ташкилоти қарзии хурд ва 27 фондҳои қарзии хурд фаъолият доранд. Бояд қайд кард, ки ба ҳолати 31 декабри соли 2022 бошад, 64 ташкилоти карзии ғайрибонкӣ, 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 ташкилоти карзии хурд ва 26 фондҳои карзии хурд фаъолият мекунад. Қайд шудааст, сатҳи рушди низоми бонкиро чунин нишондиҳандаҳо, аз қобили дороиҳои бонки нисбат ба ММД, ҳаҷми қарзҳои додашуда, бонкӣ, таносуби сармояи низоми бонкӣ нисбат ба ММД бо фоиз ва монанди инҳо муайян мекунад.

Яке аз бахшҳои муҳим хизматрасонии бонки бозори пасандозҳои бонки мебошад, ки сатҳи эътимоди мардум ба ниҳодҳои молиявӣ ва самараноки низоми бонкии ҳар давлатро низ муаян мекунад. Маҳз афзоиш пасандозҳо дар шароити ноустувори асъор мувозинатирот дар бозори молиявӣ таъмин мекунад. Тавре маълум аст, байни ташкилотҳо маблағгузори хурд ва тиҷорат барои пасандозҳои шахси воқеи воқеи аз ҳуқуқи рақобат вуҷут дорад.

Имруз бонкҳои тиҷоратӣ дар бозори пасандозҳо мавкеи муҳимро ишғол мекунад. Дар диссертатсия ҳаҷми пасандоз дар низоми бонкии Ҷуҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2.1 оварда шудаст.(саҳ 58)

Дуруст қайд шудааст, ки сиёсати молиявии кишвар оид ба рушди низоми бонкӣ бояд, пеш аз ҳама, ба рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, тиҷорат, равандҳои интегралӣ, рушди бозори суғурта ва бозори коғазҳои қиматнок, инчунин ба вуҷуд овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ асос ёбад. Чунин омилҳо метавонанд

барои афзоиши тамоми нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ заминаи устувори молиявӣ гузоранд ва ба ин восила фазои мусоиди молиявию иқтисодиро фароҳам оваранд. Ҳамчунин низоми бонкӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми деҳот саҳми арзанда гузошта яке аз неруҳои пешбарандаи фаъолияти иқтисодӣ дар деҳот дар шароити имрӯза қарздиҳии бонкӣ мебошад.

**Дар боби сеюм "Такмили низоми бонкӣ дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ"** самтҳои афзалиятноки рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор гардида, масъалаҳои ташаккули стратегияи рушди низоми бонкӣ дар кишвар баррасӣ гардидааст. Инчунин дар ин боб роҳҳои баланд бардоштани самаранокии низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Тавре, ки дар диссертатсия оварда шудааст, дар шароити ноустувории рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва осебпазирии бахши бонкӣ баланд бардоштани самаранокии низоми бонки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии мамлакат ба шумор меравад ва барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкӣ ва даромаднокии муассисаҳои молиявӣ, дар баробари идоракунии самаранокии низоми бонкӣ, рушди ҳамоҳангшудаи соҳаҳои иқтисодӣ, даромаднокии иштирокчиёни бозор зиёд шуда, ба тезонидани суръати амалиёти бонкӣ мусоидат менамояд. Ҳамчунин танҳо дар сурати рушди муштарак ва ҳамоҳангсозии самтҳои муҳимми иқтисодиёти кишвар метавонад самараи синергетикӣ ба даст оварад ва рушди инклюзивиро таъмин намояд, ки барои рушди низоми бонкӣ заминаи мустаҳками молиявию иқтисодӣ фароҳам меорад.

Тавре, ки дар саҳифаи 119 қайд шудааст яке аз самтҳои муҳимми таъмини афзалиятҳои иқтисодии кишвар дар шароити муосир таҳия ва татбиқи барномаҳои иқтисодӣ ва пеш аз ҳама, стратегияи рушд ба шумор меравад. Стратегия ҳамчун нақшаи дурнамои рушди ҳар як кишвардар ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти хоҷагидории муосир нақши муҳимро иҷро мекунад. Аз ин лиҳоз, таҳия ва татбиқи он барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол аз нуқтаи назари таъмини рушди босуботи иқтисодӣ басо зарур арзёбӣ мегардад.

Моҳияти стратегияи иқтисодӣ, пеш аз ҳама, аз ташаккули дастуру нақшаҳои дарозмуддат, асоситарин, муҳимтарин, таҳияи созмон дар асоси мониторинг ва арзёбии доимии тағйироти ҷорӣ дар фаъолияти он бо мақсади нигоҳ доштани иқтисодиёт бо қобилияти фаъол ва самаранок фаъолият кардан дар муҳити ноустувори беруна иборат мебошад. (саҳ.120)

Маълум аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 қабул гардид, ки самтҳои асосии рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши бонкии кишварро муайян ккардааст. Дар ин ҳуҷҷати стратегӣ қайд карда мешавад, ки дар низоми бонкӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои хизматрасонии бонкӣ ба аҳолӣ мушкилоте, ки аз ҷумлаи сатҳи пасти сармояи ташкилотҳои молиявии мавҷуда ( бонкҳо, ташкилдотҳои маблағгузории хурд, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра), ки доираи танги маҳсулоти молиявӣ асосан хусусияти кӯтоҳмуддат доранд, бояд ҳал шаванд.

Дар айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кортҳои пардохтии системаи миллии пардохтии " Корти миллӣ", системаи байналхалқии пардохтии VISA ва Master card, кобрендинги кортҳои системаҳои пардохтии Union Pay ва НПМ-Корти миллӣ, кортҳои пардохтии системаҳои маҳаллии ташкилотҳои карзӣ ба муомилот бароварда шуда, барои истифодаи самараноки механизмҳои бонкӣ заминаи инфрасохторӣ гузоштаанд.

Таҳлилҳои унвонҷӯй нишон медиҳанд, ки гузаштан ба хизматрасонии муосири рақамӣ тавассути воситаҳои электронии пардохт ва амалиёти ғайринақдӣ оид ба пардохти молу хизматҳо дар бозори дохилӣ кору фаъолияти муассисаҳо ва инчунин дигар иштирокчиёни бозорро боз ҳам пурсамартар намуд. Дар навбати дигар чунин амалиётҳои муосир барои ташаккулёбии ҳукумати рақамӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст, мусоидат мекунад.

**Асосноки ва эътимоднокии хусусиятҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда:**

Пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия омода шуда дар асоси ҷамъовари ва таҳлили иттилоотиҳои зиёди илмӣ, амалӣ ва оморӣ, ки дорои сарчашмаҳои эътимоднок мебошанд, сахми арзандаи назариявӣ ва амалиро дар

таҳлил ва таҳқиқи ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии кишвар мегузоранд. Ҳамчунин ҷанбаҳои назариявӣ ва методологӣ, фаҳмиши муаллиф оид ба моҳияти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии низоми бонкӣ, асосноккунии зарурияти таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи фаъолияти низоми бонкӣ дар мамлакат дар асоси маводҳои омори асоснок ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯйро нишон медиҳанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия бо назардошти тавсияҳо оид ба истифодабарии онҳо.**

Пешниҳодҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба мукамал гардонии донишҳои назариявию методии ташаккул ва рушди низоми бонкӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин як қатор тавсияҳо дар диссертатсия дарҷгардида метавонад истифодабарии амалии худро дар идоракунии низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзӣ пайдо кунанд. Дар умум пешниҳодҳо, тавсияҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд дар равиши таҳлил ва рушди низоми бонкӣ истифода шаванд.

Дар амал истифодабарии натиҷаҳои назариявӣ ва методӣ, тавсияҳо ва рушди низоми бонкӣ, самаранок истифодабарии захираҳои қарзӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ амали таъминкунандаи рушди устувори низоми бонкӣ ва нишондиҳандаҳои он самаранок истифодабарии воситаҳои пули ва баланд бардоштани сатҳи бо пул таъмин будани иқтисодиёт ва дар ин асос рушди устувор ва босуръати соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат мебошад.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот дар рушди иқтисодиёти кишвар ва саноаткунонии бо суръати он, рушди соҳибкорӣ бунёди ҷойҳои нави корӣ,ҷалб намудан  ба истеҳсолоти ҷамъияти бекорон, баланд бардоштани музди меҳнат, нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоии давлат дар асоси афзоиши ММД ва дар умум беҳтар кардани сифати зиндаги аҳоли кишвар мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсиони**

1. Дар мундариҷаи кор (саҳ 2) таҳқиқи 9 масъала пешниҳод шудааст. Аммо дар (саҳ 6) дар банди вазифаҳои таҳқиқот факат ҳаллии 5 масъала дарҷ ёфтаст. Зербандҳои 3.1., 3.2., 3.3 ки дар диссертатсия таҳқиқ шудаанд номгуи вазифаҳо нестанд.

2. Дар кори диссертатсиони дар саҳифаи 59 дуруст қайд шудааст, ки рушди иқтисодии ҳар як кишвар бештар аз имкониятҳои қарздиҳии муассисаҳои бонкӣ ба корхонаҳои бахши воқеи вобаста аст. Хуб мешуд, агар дар давоми ҷумла дар як ҷадвали махсус ҳаҷм ва динамикаи қарзҳои низоми бонкӣ ба саноат, кишоварзӣ, сохтмон пешниҳод ва таҳлил мешуд. Ҷадвали 2.2 дар саҳифаи 60 саволи гузошташударо ҷавоб намедиҳад. Инчунин ҷадвали 2.4 (саҳ. 68) камшавии ҳиссаи қарзҳои соҳаҳои воқеиро нишон медиҳад.

3. Дар саҳифаи 89 дар матн дар бораи сармояи инсонӣ, моҳият ва нақши он дар рушди иқтисодиёт ва маънавиёти кишвар хуб гуфта шудааст. Аммо ягон маълумот дар бораи тасдиқи гуфтаҳои дар боло овард нашудааст.

4. Дар саҳифаи 123 дар ҷадвали 3.1 нишондиҳандаҳои асосии мақсадноки СМР-2030 дар низоми бонкӣ оварда шудааст. Аз ҷумла нишондиҳандаҳои сенарияҳо дар соли 2020. Бояд муаллиф иҷроиши нишондиҳандахоро дар соли 2020 нишон медод.

5. Дар ҷадвалҳо, диаграммаҳо давраи таҳлилии ҳархела, дар баъзе то соли 2022, дар аксар то соли 2020, дар баъзе мавридҳо соли 2019. Дар диаграммаҳо муаллифи сарчашмаҳо муайян нашудаанд, дар баъзе (диаграаммаи 2.2 (саҳ 82) ченаки ҳисоб нест.

**Мутобиқати тахассуси илмии унвонҷӯ ба дараҷаи илмӣ.**

Таҳлили кори диссертатсиони нишон дод, Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич аз ҷиҳати илмӣ мутахассис дар самти рушди низоми бонкӣ буда, диссертатсияи иҷрошуда ба ихтисоси илмии интихобшуда мутобиқат менамояд. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиони, мундариҷа ва мазмуни он ба талаботи шиносномаи 08.00.07- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқ мебошад. Натиҷаҳои илмии ба даст овардаи унвонҷӯ ба талаботи тахассуси илмии дараҷаи илмӣ мувофиқат мекунад.

**Нақши натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**

Аз нигоҳи мазмуни илмӣ, мундариҷа ва шакли баёни диссертатсияи Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич дар мавзуи "Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон" кори илмию тахассусӣ буда дар он ҳалли муаммоҳои илмӣ, ки аҳаммияти муҳиму афзалиятнокро дар рушди низоми бонкӣ, роҳҳои баланд бардоштани самаранокии захираҳои молиявӣ, ҷалб кардан ва ба захираҳои сармоягузорӣ табдил додани воситаҳои пулии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ доранд, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Олимов Умедҷон Маҳмадшоевич сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07-Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи молия ва қарзи
Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон Султонов З.С

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш.Душанбе,
кӯчаи М.Турсунзода,30 Тел.: (+992 37) 221-35-50
Тел./Факс: (+992 37) 221-05-70; 227-77-53
Почтаи электронӣ: sultan@mail.ru

Имзои д.и.и профессор Султонов З.С-ро
тасдиқ мекунам:
/сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ